# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D.02.06.00 – Диншиносӣ пешниҳод гардидааст.**

Дар асри навин раванди ҷаҳонишавӣ инсониятро ба бӯҳрони ҳувият рӯ ба рӯ кардааст. Маҳз сустшавии фарҳанги миллӣ, пайдоиши фарҳангҳои универсалӣ ба бӯҳрони ҳуввият оварда расонидаанд. Дар натиҷа шахс ба саволҳои "ман кӣ ҳастам?", "ба куҷо равонаам?", "чӣ мақсад дорам?", "ба кӣ пайравӣ намоям" ҷавоби қонеъкунанда ёфта наметавонад. Ба дарк намудани чунин равандҳо бояд ба нақши муҳаққиқони соҳа, таҳлилгарон ва таҳқиқотҳои илмӣ диққати махсус дода шавад. Дар баробари ин чорабиниҳои фарҳангӣ, барномаҳои тарбиявӣ ва ташвиқи арзишҳои фарҳанги миллӣ ҳамчун воситаи муассир барои ташаккули ҳувият ва афзоиши ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ хизмат карда метавонанд. Дар ин замина таҳқиқоти илмии Давлатзода А.Ш барои рушди фарҳанги миллӣ ва дарки хатари ифротгароии динӣ барои ҷомеаи имрузаи Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад.

Ба ҳамгон маълум аст, ки имрӯз муносибати гуруҳҳои ифротгароии динӣ нисбати фарҳангҳои миллӣ бевосита аз ҳамон идеяи такфирии "исломии ноб"-и ваҳҳобӣ, яъне исломе, ки фарҳанги замони ҷоҳилияи арабро не, балки фарҳангҳои пешқадами вақтро такфиру инкор карда буд, ғизои "маънавӣ", идеологӣ мегирад. Намунаи ин муносибатро ба фарҳанги миллӣ дар муносибати гурӯҳҳои террористии "Давлати исломӣ" ба ёдгориҳои таърихии шаҳрҳои Мосули Ироқу Палмираи Сурия ошкоро дидан мумкин аст. Муносибати онҳоро ба фарҳанги миллӣ имрӯз дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ низ пайваста мушоҳида мешаванд. Аз нигоҳи гуруҳҳои ифротгароии динӣ тамоми халқу миллатҳои ғайриараб танҳо дар доираи фаҳмиши гуруҳҳои ифротӣ ҳуқуқи зистан ва фарҳанг эҷод намудан доранду халос. Дар ҳамин аст яке аз хатарҳои паҳншавии афкори гуруҳҳои ифротгароии динӣ, ки имрӯз бештар аз ҷониби худи тоҷикони ифротишуда тарғиб мегардад ва рӯҳонияти маҳаллӣ ба ин осиёб об мерезанд ва ба сиёсати фарҳангии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳёю рушди фарҳанги миллӣ ба ҳайси пояи маънавии давлати миллӣ назари манфӣ доранд.

Дар авторефервати диссертатсияи Давлатзода А.Ш чунин масъалаҳои баррасӣ гардида, роҳҳу усулҳои пешгирии он таҳқиқ карда шудааст. Вобаста ба ин масъала, диссертант қайд менамояд, ки "ҳеч махфӣ нест, ки якчанд давлатҳои абарқудрат дар нукоти гуногуни ҷаҳон вобаста ба мазҳаб, фарҳангу анъанаҳои кишвари муайян гуруҳҳои мухталифи террористӣ, тундраву ифротӣ ташкил карда, раҳнамоию маблағгузорӣ менамоянд. Гуруҳҳои номбурда то кунун дар аксари кишварҳои ҷаҳон амалиёт гузаронида, бахусус дар кишварҳои зерин бештар фаъол мебошанд: Афғонистон, Покистон, Ироқ, Сурия, Осиёи Марказӣ, Шарқи Миёна ва Наздик, Нигер, Чад, Мали, Алжир, Тунис, Мавритания, Марокко, ИМА, дар якчанд кишварҳои Аврупо, кишварҳои ИДМ ва ғ".

Таҳлилҳои кардаи Давлатзода А.Ш оиди таҳдиду хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ таъкид сохта, дар як вақт хатари онро нисбати мазҳабҳои исломӣ, бахусус, ба мазҳаби ҳанафӣ дар Тоҷикистон, ки 96% мусулмонони ҷумҳуриро фаро гирифта, ваҳдати эътиқодии онҳоро дар кишвар таъмин месохт, бояд ҳамаҷониба ба инобат гирифт, зеро дар ҷомеаҳои суннатӣ ваҳдати эътиқодӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини амнияту суботи ҷомеа ва давлат аст. Яке аз даъвоҳои гуруҳҳои ифротгаро худро исломи "бемазҳаб" ҳисобидан ва пайравӣ аз мазҳабро "куфру бидъат" донистан аст. Пас ба андешаи онҳо поягузорони равияю фирқаҳо ва имомони мазҳабҳо гӯё ба ислом "навоварӣ"-ҳо ворид карда, исломро "олуда"-ю "фосид" сохтаанд. Масалан, таълимоти муътазилаю қадария дар бораи сифоти Худованд, озодии иродаву ихтиёри инсон, таълимоти шиа доир ба масъалаи имомат ва хилофат, ба ҳайси сарчашмаи фиқҳи исломӣ қабул гардидани иҷтиҳод, қиёс ва урф аз ҷониби Имоми Аъзам ва ғайра, ки гӯё ҳама ба олудасозии ислом мусоидат намуданд. Ҳол он ки маҳз ҳамин имомони мазҳабҳо, бахусус Имоми Аъзам, Имом Шофеъӣ ва дигарон буданд, ки бо таълимоти фиқҳии худ мушкилоти мусулмононро осон намуданд. Тавсияву пешниҳодҳое, ки дар автореферати диссертатсияи Давлатзода А.Ш оиди масъалаҳои номбаршуда оварда шудаанд, дорои аҳамияти илмӣ-таҳқиқотӣ дошта, омили муҳими тақвияти фарҳанги миллӣ мебошанд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллифро зарур буд, ки фаъолияти яке аз равияҳои ифротгароии динӣ, аз ҷумла ваҳҳобия ё салафияро, ки барои арзи ҳастӣ кардани бисёре

аз ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ мусоидат намуд, ҳамчунин василаи ба низоъҳои дохилимазҳабӣ кашидани мусулмонон, барангехтани ҷангҳои шаҳрвандӣ ва "инқилобҳои ранга" қарор гирифт, таҳлил менамуданд;

2. Хуб мешуд, агар дар яке аз зербобҳо нақши оила, мактаб ва умуман маориф дар пешгирӣ кардани хатари ифротгароии динӣ ба фарҳангӣ миллӣ нишон дода мешуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D.02.06.00. – диншиносӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расонида шудааст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D.02.06.00. – Диншиносӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович
н.и.ф..дотсенти, мудири кафедраи
фалсафа ва сиёсатшиносии
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н.Сино, куч. Испечак 1,
маҳ 3, хонаи 2, ҳуҷраи 17
Тел.: (+992) 880588550

Имзои Сулаймновро -ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Юсупова Б.Ғ

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734019,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳамадиев17/6,
Тел.: (+992 37) 232-50-03
E-mail: rector@ddzt.tj

22 октябри соли 2025